# Ба маълумоти донишҷӯён

Мактаби ғоибонаи "Аммоус", ки ба ҳама хоҳишмандон таълимоти бепули илоҳӣ пешкаш мекунад, шуморо бо саршавии омӯзиши илоҳиёт шодбош гуфта, якчанд маълумотҳоро оиди омӯзиш ба шумо мерасонад.

Курсҳои "Аммоус" воситаи хуби омӯзиши Навиштаи Пок буда, ба донишҷӯ оиди мавзӯъҳои ҷудогонаи он дониши асосиро медиҳанд. Синфи аввал аз 12 курс иборат мебошад, ки аз рӯи мавзӯъ, бо тартиби муайян омӯхта мешаванд. Пас аз хатми ҳар як курс шаҳодатнома оиди хатми он, ва пас аз хатми 12 курс дипломи хатми синфи аввал дода мешавад.

Курсҳои омӯхтаатон аз тарафи дастурдиҳандагони мо тафтиш шуда, дафтарҳои имтиҳонӣ ба шумо баргардонда мешаванд. Агар шумо дар имтиҳон ба ягон хатое роҳ диҳед, дастурдиҳанда ишораи даркориро ба оятҳои Навиштаи Пок ё матни ҳамон дарс мегузорад, ки шумо он ҷо ҷавоби дурустро дарёфт хоҳед кард. Масалан, шумо дар зери ҷавоби нодуруст чунин қайдро мебинед: 1Петрус 2:6/ 8:15-21, яъне 1Петрус 2:6 – ишора ба ояти Навиштаи Пок; ва 8:15-21 – саҳифа ва сатрҳои дафтари матн аст, ки дар он ҷавоби дуруст ифода ёфтааст. Агар донишҷӯ ҳангоми супурдани имтиҳони курс балли зарурӣро нагирад (яъне агар дар имтиҳон камтар аз 60% хол гирад), он гоҳ он курс барои омӯзиши такрорӣ баргардонда мешавад. Дар дигар ҳолатҳо (60% ва зиёда хол гирифтани донишҷӯ) курси омӯхташудаи донишҷӯ қаноатбахш ба ҳисоб рафта, бо баҳои мувофиқ баргардонида мешавад.

Барои осон гардидани омӯзишатон маслиҳат медиҳем, то барои машғулият ҷое ёбед, ки касе ба шумо халал нарасонад. Пеш аз сар кардани кор ба Худо бо дуо муроҷиат кунед. Аз Ӯ хоҳиш намоед, ки чизи аз Навиштаи Пок мехондаатонро ба шумо равшан намояд. Дафтари матнро,

ки ба Навиштаи Пок ишораҳо дорад, бо диққат хонда, ба саволҳои имтиҳон мувофиқи он ҷавоб гардонед. Баъд аз он ки шумо дарси якумро тамом мекунед, ба саволҳои ҳамон дарс ҷавоб диҳед. Баъди ба охир расондани дарси дуюм низ ҳамчунин. Ва танҳо баъди он ки ба ҳамаи саволҳо ҷавоб гардондед, дафтари саволҳоро барои тафтиш ба дастурдиҳандаи худ диҳед.

Дар охири ҳар як дарси дафтари саволҳо шумо бо сарлавҳаи "Дар ин бора шумо чӣ мегӯед?" дучор мешавед. Саволҳои зери ин сарлавҳа дар дафтари саволҳо иловагӣ буда, ҷавоби онҳо ба баҳои умумӣ дахле надоранд. Ҳангоми ҷавоб додан шумо метавонед фикру ақидаҳои худро ошкоро ифода намоед. Ҷавобҳои шумо ба дастурдиҳанда имкон медиҳанд, ки шуморо бештар фаҳмад ва бо шумо чун бо шахсият шинос шавад. Агар дар шумо оиди мавзӯи омӯзиш ягон саволе пайдо шавад, марҳамат карда ба дастурдиҳандаи худ муроҷиат намоед. Агар имконияти бо дастурдиҳанда вохӯрдан надошта бошед, метавонед саволҳо ё мулоҳизаҳоятонро ба таври хаттӣ ҳамроҳи дафтари саволҳо ба ӯ фиристед. Мо ҳамеша ҳозирем ба саволҳои шумо ҷавоб гардонем. Ба шумо дар таҳсилатон муваффақиятҳо ва мадади Худовандро орзумандем. Бо эҳтиром маркази мактаби ғоибонаи "Аммоус" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

БОБИ ЯКУМ

# Ягона Худо

"Танҳо як Худо ҳаст". Танҳо як Худо буда метавонад. Ҳама худоҳои дигар бардурӯғанд.

Ҳар касе ки ҳастии Худоро инкор мекунад, нодон аст. Як нигоҳ ба гирду атроф басанда аст, то боварӣ ҳосил кунем, ки Худо ҳаст. Худи мавҷудияти олам исботи мавҷуд будани Офаридгор ва офарида мебошад. Мавҷуд будани Рассому Бинокори Ҷовидро бисёр намудҳои комили олами ҳайвоноту растаниҳо тасдиқ мекунанд. Офтобу моҳ ва ситораҳо ҳам аз Худое ки онҳоро офаридааст, шаҳодат медиҳанд. "Дар аввал Худо осмон ва заминро офарид".

Худо дар **рӯзи якуми** офариданҳои Худ гуфт: "Рӯшноӣ бишавад". Ва ҳамон дам аввалин нурҳои рӯшноӣ торикии атрофро шикоф карданд. "Ва Худо дид, ки рӯшноӣ хуб аст: Ва Худо рӯшноиро аз торикӣ ҷудо кард. Ва Худо рӯшноиро рӯз номид ва торикиро шаб".

Дар **рӯзи дуюм** Худо обро тақсим кард ва фалакро офарид.

Дар **рӯзи сеюм** Худо гуфт: "Оби зери осмон дар як ҷо ҷамъ шавад ва хушкӣ намудор шавад. Ва чунин шуд. Ва Худо хушкиро замин номид ва ҷамъи обҳоро баҳрҳо номид. Ва Худо дид, ки хуб аст". Худи ҳамон рӯз Худои бузург ба замин фармуд, ки растанӣ ва дарахт рӯёнад. Худо аз офариданҳои Худ хурсанд буд.

Дар **рӯзи чорум** Худо офтоб, моҳ ва ситораҳоро офарид. Ситораи калон (Офтоб)-ро барои идора кардани рӯз ва ҷисми осмонии хурдтар (Моҳ)-ро барои идора кардани шаб. Ситораҳои бешумор бо сухани Худованди зиндаву ҳақиқӣ аз нестӣ пайдо шуданд.

Дар **рӯзи панҷум** Худо моҳиҳоро дар баҳр ва паррандагонро дар осмон офарид. Наҳангу тюленҳо, моҳиҳои калону хурд, уқобу гунҷишкакон – ҳамаи паррандаҳои осмонро Офаридгор офаридааст.

Дар **рӯзи шашум** Худо ҳайвонҳо ва хазандагонро офарид. Хирсу паланг, филу мӯрча ва ҳашарот – ҳама аз рӯи сухани Худои Яккаву Ягона ва ҳақиқӣ пайдо шуданд. Ниҳоят, охирин бунёдкории Худо офариниши одам буд. “Ва Худованд Худо одамро аз хоки замин бунёд кард ва ба бинии вай рӯҳи ҳаёт дамид ва одам ҷони зинда шуд”.

Танҳо Худои ҳакиқӣ ҷаҳонро чунин калону зебо офарида метавонист. Танҳо Худои Яккаву Ягона, Офаридгор ва Бунёдкор ин корро карда метавонист. Пас, чӣ гуна аст ин Худои ҳақиқӣ?

Ба ин савол ба воситаи фаҳмидани хислатҳои хоси Худо беҳтар ҷавоб додан мумкин аст. Инак чанде аз онҳо:

**1. Худо дар як вақт дар ҳама ҷо ҳаст**

Худо мегӯяд, ки ҳеҷ кас аз Вай пинҳон шуда наметавонад. Вай дар як вақт дар ҳамаи кишварҳо ҳаст. Ҳазрати Довуд чунин гуфтааст: "Аз Рӯҳи Ту куҷо равам? Ва аз дидори Ту куҷо гурезам?... Дар он тарафи баҳр сокин шавам, дар он ҷо низ дасти Ту... Торикӣ низ аз Ту пинҳон нахоҳад кард". "Агар касе дар ҷои махфӣ пинҳон шавад, оё Ман вайро намебинам? – мегӯяд Худованд. – Оё ман замин ва осмонро пур намекунам?"

**2. Худо ҳама чизро медонад**

Худо аз ҳар як фикр огоҳ аст ва сирру асрори пинҳонии дили мо ба Ӯ маълуманд. "Ту андешаҳои маро медонӣ. Калимае ҳанӯз аз забонам набаромада, Ту, эй Худованд, онро пурра медонӣ", – мегуфт Ҳазрати Довуд. Мо метавонем чизеро аз одамон пинҳон кунем, аммо аз Худо ҳеҷ чизро пинҳон кардан мумкин нест.

**3. Ҳама чиз зери фармони Худост**

Худо на танҳо оламро офарид, балки онро нигоҳбонӣ мекунад ва ҳар амали он зери назорати Ӯст. Чӣ офтобу чӣ борон – ҳама чиз зери фармони Ӯст.

**4. Худо ҷовидон аст**

Ӯ ҳеҷ гоҳ аввал надошт ва охир низ надорад. Худо ҳамеша буд ва ҷовидон мемонад. "Пеш аз он ки кӯҳҳо таваллуд ёфтанд ва Ту замину дунёро офаридӣ, аз азал то абад Ту вуҷуд дорӣ, эй Худо".

**5. Худо одил аст**

Ҳар кори Худованд аз рӯи ҳақиқат ва адолат аст. "Бузург ва аҷоиб аст корҳои Ту, эй Худованд, Худои Тавоно. Ҳақ асту рост роҳҳои Ту".

**6. Худо пок аст**

"Пок аст, пок аст, пок аст Худованди Лашкарҳо". Худо тамоман пок буд ва мемонад. Ин яке аз хислатҳои хоси Ӯст. Азбаски Худо пок аст, Ӯ гуноҳро ҷазо медиҳад. Бадие ки мо мекунем, гуноҳ аст ва Худо аз он нафрат дорад. Худо аз гуноҳ нафрат дорад ва некиро дӯст медорад.

**7. Худо раҳмдил ва меҳрубон аст**

Ҳазрати Довуд мегӯяд: Зеро ки Ту, эй Худованд, некӯ ва бахшанда ҳастӣ ва пур аз меҳрубонӣ ба ҳамаи онҳое ки ба Ту рӯ меоваранд".

Ҳарчанд Худо аз бадиҳои мо нафрат дорад, Ӯ ба мо меҳрубон ва дилсӯз аст ва моро дӯст медорад. Вале Ӯ гуноҳи моро бад мебинад. Ӯ моро одил ва дилкушод дидан мехоҳад. Бештар аз ҳама Ӯ мехоҳад, ки мо – ҳам хурду ҳам калон – Ӯро дӯст дорем. Оё шумо Худоро дӯст медоред? Худо шуморо дӯст медорад, вале аз гуноҳҳои шумо нафрат дорад.

БОБИ ДУЮМ

# Одам ва Ҳавво

Аввалин мард ва зане ки дар замин зиндагӣ мекарданд, ҳеҷ вақт зода нашуда буданд. Ҳар як инсоне ки ҳастии заминӣ дорад, ғайр аз Одаму Ҳавво, ба ин олам чун кӯдак зода шудааст. Лекин Одаму Ҳавво дигар хел пайдо шуданд. Онҳоро бевосита Худо офарида буд.

Худо дар рӯзи шашуми офариданҳояш аз хоки замин одамро сохт. Ӯ "ба бинии вай рӯҳи ҳаёт дамид" ва дар шакли одам аввалин офаридаи зинда ба вуҷуд омад. Парвардигор ба ӯ Одам ном ниҳод. Одамро бевосита Худо офарид.

Азбаски Худо медонист, ки танҳо будани Одам хуб нест, барои ӯ мададгоре офарид. Боре Худо ба Одам хоби сахт овард ва яке аз қабурғаҳои ӯро гирифта, ҷои онро бо гӯшт пӯшонд. Ва Худо аз ин қабурға занро офарид. Одам ба вай Ҳавво ном гузошт.

Худо боғе офарид ва дар он боғ Одаму Ҳавворо ҷо дода гуфт: "Борвар (серфарзанд) ва афзун шавед ва заминро пур кунед ва онро соҳиб шавед ва бар моҳиёни баҳр ва бар паррандагони осмон ва бар ҳайвону хазандаҳои замин ҳукмрон бошед". Худо ҳамаи ҳайвоноту паррандагонро назди Одам овард. "Ва одам ҳамаи чорпоён ва паррандагони осмонро ва ҳамаи ҳайвонҳои саҳроро ном гузошт".

Дар он боғе ки Одаму Ҳавво зиндагӣ мекарданд, дарахтони зебо бисёр буданд. Парвардигор ба Одаму Ҳавво амр фармуда гуфт: "Аз ҳар дарахти боғ хӯрдан гир, аммо аз дарахти дониши неку бад зинҳор нахӯр". Одам ва зани ӯ иҷозат гирифтанд, ки дар ин боғ сокин шаванд ва аз меваи дарахтони он хӯранд, аммо меваи як дарахтро нахӯранд, то фармони Худоро вайрон накунанд.

Шайтон, ки падари дурӯғ, фиреб ва ҳар гуна бадӣ буд,

хушомадгӯёна ба Ҳавво гуфт: "Не, нахоҳед мурд, ҳамааш хуб мешавад. Аз меваи ин дарахт хӯред ва чашмони шумо кушода мешаванд". "Ва зан дид, ки он дарахт барои хӯрок хуб аст, ва назаррабост, ва дарахти дилпазири донишафзост; ва аз меваи он гирифта хӯрд; ва ба шавҳари худ низ дод, ва ӯ хӯрд". Онҳо бо ихтиёри худ ба Худо беитоатӣ намуда, хости Ӯро вайрон карданд.

Чун Одаму Ҳавво аз меваи он дарахт хӯрданд, худро луч диданд ва барои пӯшидани тани худ баргҳои анҷирро бо ҳам дӯхтанд. Ҳамон лаҳзае ки онҳо ба меваи манъшуда даст расониданд, онҳо ба фармони Худованд беитоатӣ карданд ва гуноҳ карданд. Ва онҳо бо ин саркашии худ назди Худо гуноҳкор шуданд.

Худо ба онҳо нидо карда гуфт: "Ин чӣ кор аст, ки кардӣ?"

Зан дар ҷавоб гуфт: "Мор маро гумроҳ кард ва ман хӯрдам".

Худо ба шайтон лаънат хонда гуфт: "Ва дар миёни ту ва зан ва дар миёни насли ту ва насли вай душманӣ меандозам: вай сари туро хоҳад кӯфт ва ту пошнаи ӯро неш хоҳӣ зад".

Худо барои Одаму Ҳавво либоси чармин сохт, то тани лучи онҳоро пӯшонад. Барои ин мақсад пӯсти ҳайвони кушташуда истифода гардид. Барои гуноҳи Одаму Ҳавво ҳайвони бегуноҳ бояд мемурд, то онҳо дигар луч набошанд.

Худоро лозим омад, ки онҳоро барои саркашиашон аз боғи Адан ронад. Акнун Одам мебоист барои ёфтани ризқу рӯзӣ бо роҳи коркарди замин бисёр меҳнат мекард.

Бо сабаби саркашии як одам ҳама гунаҳкор шуданд. "Пас, чунон ки ба воситаи як одам гуноҳ ба ҷаҳон дохил шуд ва бо гуноҳ марг омад, ҳамин тавр низ ба ҳамаи одамон гузашт, чунки ҳама гуноҳ карданд". Мо ҳама фарзандони Одам ҳастем ва чун Одам ба Худо беитоатӣ кардем. Ҳамаи мо хости Худоро вайрон кардем. "Ҳама гуноҳ карданд". Чун Одам, мо низ ба либос эҳтиёҷ дорем. Барои он ки Одаму

Ҳавво бо либос таъмин шаванд, ҳайвоне кушта шуд. Мо ҳам ба рӯпӯш кардани гуноҳҳоямон эҳтиёҷ дорем.



БОБИ СЕЮМ

# Қобил ва Ҳобил

Аввалин кӯдаке ки ба дунё зода шуд, писар буд. Падару модари ӯ Одаму Ҳавво ӯро Қобил номиданд. Баъд аз чанд вақт дар ин оила боз як писарбачае зода шуд ва ба вай Ҳобил ном монданд.

Дар давоми зиндагӣ онҳо ба соҳаҳои гуногуни меҳнат шавқ пайдо намуданд. Ҳобил бонӣ кардани гӯсфандони падарашро дӯст медошт. Ӯ гӯсфандонро дар чарогоҳҳои серсабза мечаронд ва оби тоза менӯшонд. Ҳамчунин вай онҳоро аз ҳайвонҳои ваҳшиву дарранда ҳимоя мекард. Қобил бошад ба чорводорӣ шавқ надошт. Ӯ ба зироаткорӣ дил баст ва бо парвариши сабзавоту меваҳо машғул буд.

Новобаста ба меҳнати гуногуни худ онҳо ба Худои Яккаву Ягона ва ҳақиқӣ саҷда мекарданд ва парастиш доштанд. Барои ба меҳрубонии Худо сазовор шудан онҳо хостанд ба Ӯ тӯҳфаҳо оваранд. Онҳо тӯҳфаҳои гуногунро интихоб карданд. Қобил сӯи саҳро роҳ гирифт, ҳосили заминро ғундошт ва онро ба Худо пеш овард. Тӯҳфаи Қобил то андозае, албатта, натиҷаи меҳнати ӯ буд. Ӯ дар замин кор кард, тухмӣ корид ва ҳосили онро ҷамъ овард. Бо тӯҳфаи худ вай гӯё ба Худо чунин мегуфт: "Бубин, ин ҳама натиҷаи ранҷи дастони мананд".

Тӯҳфаи Ҳобил аз тӯҳфаи бародараш Қобил пурра фарқ мекард. Ӯ яке аз гӯсфандони нахустзодаи худро кушта, ба Худо пешкаш намуд. Тӯҳфаи Ҳобил ба Парвардигор хуш омад ва Ӯ онро қабул кард. Тӯҳфаи Қобил бошад қабул нашуд, чунки тӯҳфаи ӯ на он чизе буд, ки пешкаш кардан даркор буд.

Ҳобил ба Худо бовар дошт. Вале Қобил ба меҳнати худ ва дастовардҳояш умед мебаст. Гуноҳе ки дар дили Қобил

ҷой дошт, дар амали ҷавобии ӯ ба муносибати Худо ба ҳар ду тӯҳфа ошкор шуд.

Оташи рашк ҷисму ҷони Қобилро месӯхт, зеро Худо қурбонии Ҳобилро қабул кард, вале тӯҳфаи Қобилро қабул накард. Ӯ дар дил кина гирифт ва аз пайи куштани Ҳобил шуд. Боре, ҳангоме ки онҳо дар саҳро машғули кор буданд, Қобил бар зидди Ҳобил бархоста, ӯро кушт. Ин ҳодиса аввалин куштор дар таърихи инсоният ва Ҳобил нахустин шаҳид барои бовари ҳақ буд.

Худо аз Қобил дар хашм шуд. Худо қарор дод, ки Қобилро барои куштани Ҳобил сахт ҷазо диҳад. Ва дар ҷавоби бадӣ ӯро якумрӣ, то дами марг лаънат хонд.

Ҳам Қобил ва ҳам Ҳобил ба Худои Якка ва Ягона боварӣ доштанд, ҳар дуи онҳо Худои ҳақиқиро мепарастиданд. Вале танҳо боварӣ ба Худои Яккаву Ягона ҳанӯз кам аст, монанди он ки танҳо хоҳиши парастидани Худои ҳақиқӣ ҳанӯз кифоя нест. Барои он ки Худо итоату парастиши моро қабул кунад, тавре ки Ӯ ҳадяи Ҳобилро қабул кард, мо бояд ба Ӯ тӯҳфаи муносиб пеш оварем. Қобил имкон дошт, ки ба Худо чӣ гуна тӯҳфа оварданро интихоб намояд. Вай қарор дод, ки ба Худо самари меҳнати худро пешкаш кунад, ки ифодагари кӯшишҳои шахсии ӯ буданд. Чунин интихоб бебарор буд.

Шумо ҳам бояд дар бораи интихоби тӯҳфа ба Худо андеша кунед. Шумо метавонед, чунон ки Қобил кард, ба Худо самари меҳнати худро пешкаш намоед. Аммо Худо чунин тӯҳфаро қабул карда наметавонад. Шумо низ метавонед монанди Ҳобил ба Худо тӯҳфае оваред, ки ба Ӯ писанд меояд. Барои он ки Худо шуморо қабул кунад, шумо бояд интихоби дуруст намоед.



БОБИ ЧОРУМ

# Ҳазрати Нӯҳ

Ҳазрати Нӯҳ чандин садсолаҳо баъд аз Қобилу Ҳобил зиндагӣ кардааст. Дар давоми ин садсолаҳо ҳазорҳо одамон ба дунё омаданд. Одамоне ки дар рӯи замин мезистанд, аз Худои ҳақиқӣ дур шуданд. Дар давраи зодашавии Нӯҳ ҷаҳон дар ҳолати даҳшатнок буд. Одамон ба бадкирдорӣ дода шуда, бисёр гуноҳҳои вазнин мекарданд. "Ва Худованд дид, ки бадкирдории одамизод дар замин бисёр аст ва ҳамаи фикру андешаҳои дили ӯ ҳамеша фақат бад аст". "Ва Худо заминро дид, ки инак он нопок шудааст: зеро ки ҳар башар (инсон) роҳи худро дар замин нопок кардааст. Ва Худо ба Нӯҳ гуфт: Рӯзи ҳар башар пеши назари Ман ба охир расидааст: зеро ки замин аз дасти онҳо аз ситам пур шудааст. Ва инак, Ман онҳоро аз замин нест мекунам".

Худо ба Нӯҳ фармуд, ки киштие созад, то вай бо оилааш аз ҷазое ки Ӯ ба замин мефиристад, халосӣ ёбад. Нӯҳ киштӣ месохт ва ҳамзамон ба мардум насиҳат мекард. Ӯ одамонро аз ҷазои Худо огоҳ карда мегуфт, ки Парвардигор одил аст ва аз рӯи инсоф онҳоро барои гуноҳҳояшон бо марги ногаҳон ҷазо медиҳад. Барои он ки Худо онҳоро бахшад ва меҳрубонии Худро аён кунад, онҳо бояд аз гуноҳҳояшон тавба карда, ба Худо рӯ оваранд.

Аммо одамон ба гуфтаҳои Нӯҳ гӯш накарданд ва ба огоҳиҳои вай эътибор надоданд. Одамон ба огоҳиҳои вай бо мазоҳу масхара нигариста, ба ӯ механдиданд.

Вақти анҷоми сохтмони киштӣ фаро расид. Ва Худо ба Нӯҳ гуфт: "Ту ва тамоми аҳли хонаводаат ба киштӣ дароед, зеро ки туро дар ин насл пеши Худам одил дидам".

Худо нобуд кардани ҳамаи ҳайвоноту паррандагонро намехост, бинобар ин Ӯ барои ҳимояи онҳо ба Нӯҳ фармуд, ки аз ҳар намуди ҳайвоноту паррандагон якҷуфтӣ бо худ ба

киштӣ гирад. Ва баъди он ки Нӯҳ ва занаш, се писараш бо занҳои худ ба киштӣ даромаданд, Худо аз паси онҳо дарро баст. Нӯҳ, аҳли оилаи вай ва ҳайвонот дар киштӣ буданд, вале ҳамаи онҳое ки ба насиҳати Нӯҳ гӯш надоданд, берун аз киштӣ, дар паси дар монданд.

Рӯзи ҳукми Худо фаро расид. Аз осмон борон фурӯ рехт. Тамоми заминро об зер кард, Одамон муддате дар адиру кӯҳҳо паноҳӣ ёфтанд, аммо "об бар замин хеле ва хеле пурзӯр шуд ва ҳамаи кӯҳҳои баланд, ки зери тамоми осмон буд, пӯшида шуд. Ва тамоми ҳайвонҳое ки бар замин мехазиданд ва паррандагон ва чорпоён ва ҳайвонҳои ваҳшӣ ва ҳар махлуқе, ки бар рӯи замин ҳаракат мекард ва ҳамаи одамон мурданд".

Барои чӣ Худо ба одамизод чунин рафтор кард? Онҳо аз боиси сергуноҳии худ ғарқ шуданд. Танҳо онҳое ки дар киштӣ пинҳон буданд, аз марги пурдаҳшат, ки Худо ба замин фиристод, наҷот ёфтанд. Нӯҳ бо аҳли оилаи худ дар киштӣ паноҳ ёфт. Аммо онҳое ки ба баҳри гуноҳҳои худ ғӯтида, ба огоҳиҳои Худо гӯш надоданд, аз рӯи замин несту нобуд гаштанд.

Борони ҳукми Худо то пурра нобуд гардидани одамон ба сари онҳо рехт. Борон ба болои киштӣ ҳам рехт, аммо одамоне ки даруни он буданд, бехавфу хатар аз ҷазои Худо, бе ягон осеб монданд.

Худо касонеро, ки зидди Ӯ гуноҳ мекунанд, бояд ҷазо диҳад. Ҳамаи одамон дар пеши Худо гуноҳкоранд. Шумо ҳам, агар ба мисли Нӯҳ паноҳ наёбед, барои гуноҳҳоятон гирифтори ҷазои Худо мешавед. Худованд барои паноҳи шумо ғамхорӣ кард, то ки шумо аз доварии Ӯ наҷот ёбед. Оё шумо мехоҳед аз ҷазои Худо наҷот ва халосӣ ёбед?



БОБИ ПАНҶУМ

# Ҳазрати Иброҳим

Иброҳим ба Худо бовари бузург дошт. Боре Худованд ба ӯ фармуд, ки кишвар ва наздиконро тарк карда, ба ҷои нав равад. Иброҳим ба Худо итоат кард, вале намедонист, ки Худо ӯро ба куҷо мебарад. Худованд ба Иброҳим рӯ оварда гуфт: "Ва аз ту халқи бузурге ба вуҷуд меоварам ва туро баракат медиҳам ва номи туро бузург месозам ва ту намунаи баракат хоҳӣ шуд. Ва баракат медиҳам онҳоеро, ки туро муборак хонанд ва лаънат мегӯям онҳоеро, ки туро лаънат хонанд: ва дар ту ҳамаи қабилаҳои рӯи замин баракат хоҳанд ёфт".

Иброҳим ду писар дошт. Онҳо Исмоил ва Исҳоқ ном доштанд. Боре Иброҳим ба Худо дуо намуда хоҳиш кард: "Кошки Исмоил пеши назари Ту зиндагӣ кунад!" Иброҳим мехост, ки Исмоил ва фарзандонаш хайру марҳамати Худоро соҳиб гарданд.

Худо дар ҷавоби ӯ гуфт: "Дар ҳаққи Исмоил ҳам туро шунидам: инак, ӯро баракат медиҳам, борвар мегардонам, хеле ва хеле афзун месозам. Дувоздаҳ амирон аз ӯ пайдо шаванд. Ва аз ӯ халқи бузурге ба вуҷуд меоварам".

Худо мехоҳад, то ҳар як шахсе ки аз насли Исмоил аст, чунон зиндагӣ кунад, ки қобили қабули Ӯ бошад, то ҳар кас аз ин халқ Ӯро дӯст дорад ва дар хизмати Ӯ бошад. Вале ягон фарзанди Исмоилро, ки ғарқи гуноҳ шудааст, Ӯ қабул карда наметавонад; онҳо бояд аз гуноҳҳои худ пок шаванд. "Агар мо ба гуноҳҳои худ иқрор шавем, Ӯ гуноҳҳои моро мебахшад ва моро аз ҳар ноинсофӣ пок менамояд, зеро Ӯ бовафо ва одил аст".

Дар аввали ин боб мо гуфта гузаштем, ки Иброҳим бо бовари бузурги худ машҳур буд. Шояд имтиҳони

бузургтарини бовари Иброҳим ҳамон вақт фаро расид, ки Худо ба қурбонӣ овардани яке аз писарони ӯро фармуд.

Боре Худо ба Иброҳим рӯ оварда, гуфт: "Иброҳим!"

Иброҳим ҷавоб дод: "Лаббай!"

Худо гуфт: "Писари худро, ки дӯст медорӣ, бигир ва ба замини Мӯриё бирав ва дар он ҷо ӯро бар яке аз кӯҳҳое ки ба ту хоҳам гуфт, барои қурбонии сӯхтанӣ барор".

"Ва Иброҳим пагоҳии барвақт бархоста, хари худро зин кард ва ду нафар аз ғуломбачагонаш ва писараш Исҳоқро ҳамроҳи худ гирифт". Баъди се рӯзи роҳ Иброҳим назар боло кард ва аз дур он ҷоро дид.

Иброҳим ба ғуломбачагони худ гуфт: "Шумо дар ин ҷо бо хар бимонед: вале ман бо писарам ба он ҷо рафта, ибодат мекунем ва назди шумо бармегардем".

Вақте ки Иброҳим ва писари ӯ ба он ҷое ки Худо интихоб карда буд, мерафтанд, Исҳоқ аз падар пурсид: "Падар, инак (ана) оташ ва ҳезум, пас барраи қурбонӣ куҷост?"

Иброҳим сӯи писараш нигариста ҷавоб дод: "Писарам, Худо барраи қурбониро барои Худ ҳозир хоҳад кард".

Вақте ки онҳо ба маконе ки Худо фармуда буд, расиданд, Иброҳим дар он ҷо қурбонгоҳе сохт ва ба он ҳезум партофт, Вай дасту пои писари худро баст ва болои ҳезум гузошт ва кордро гирифта даст бардошт, то ба гардани писар теғ кашад.

Ва фариштаи Худованд аз осмон ӯро хонд ва гуфт: "Иброҳим! Иброҳим!"

Вай ҷавоб дод: "Лаббай".

Фаришта гуфт: "Дасти худро ба писар дароз накун ва ба ӯ чизе накун, зеро акнун донистам, ки ту аз Худо метарсӣ".

Ва Иброҳим ба атроф нигариста дид, ки дар беша қӯчқори бо шохҳояш дар бутта печидагӣ истодааст. Иброҳим рафта қӯчқорро гирифт ва ба ҷои писари худ барои қурбонии сӯхтанӣ овард. Ин гӯсфанд қурбонӣ ба ҷои

писари Иброхим буд ва хуни он ба ҷои хуни Исҳоқ рехта шуд. Гӯсфанди бегуноҳ на барои гуноҳи худ қурбон шуд.

Шумо гуноҳ кардаед, аммо Худо бо гуноҳ муросо намекунад. Ӯ гуноҳро ҷазо медиҳад. Агар шумо аз гуноҳҳои худ озод нашавед, Худо шуморо қабул карда наметавонад. Вале ба ин амал қудрати шумо намерасад. Касе бояд онро бар ҷои шумо ба ӯҳда гирад.

Чӣ тавре ки гӯсфанд ба ҷои писари Иброҳим қурбон шуд, ҳамин тавр як каси бегуноҳ бояд ҷои шуморо гирад. Вале агар худи ӯ гунаҳкор бошад, шуморо аз гуноҳҳоятон озод ва пок карда наметавонад. Аммо агар ягон каси ба ин шартҳо мувофиқат дошта бошед, Худо шуморо қабул мекунад.

Оё мехоҳед фаҳмед, ки онро ба ҷои шумо кӣ ба ӯҳда гирифта метавонад? Омӯзиши худро давом диҳед ва шумо дар бораи Он Касе ки шуморо иваз карда метавонад ва мехоҳад инро ба ӯҳда гирад, хоҳед хонд.



БОБИ ШАШУМ

# Ҳазрати Мусо

Мусо яке аз роҳбарони ҳайратовар ва бемислу монанди замонҳо буд. Вай бештар аз миллион нафар одамро дар муддати чил сол роҳнамоӣ кард. Дар замони мо бо роҳи биёбон бурдани ин қадар одамон дараҷаи олии беақлӣ ҳисобида мешуд. Вале Мусо ин вазифаи гӯё ҳалнашавандаро бо муваффақият иҷро кард. Биёед ба рӯзгори ин роҳбари бузург як назар андозем.

Мусо дар Миср зода шудааст. Падару модари ӯ дар замони ҳукмронии фиръавни* Миср ғуломони исроилӣ буданд. Ҳамин фиръавн фармон баровард, ки ҳамаи писарони навзоди ғуломон дарҳол баъди зода шудан нобуд карда шаванд. Вақте ки Мусо зода шуд, модари ӯ аз тарси ҷони кӯдаки навзод ӯро се моҳ дар хонаи худ пинҳон кард. Ва рӯзе ки дигар илоҷи пинҳон кардани Мусоро надошт, модар сабади хурдеро бофта, ба он қатрон** молид ва дар он кӯдакро ҷой кард. Вай ин сабадро ба лаби дарё бурд ва ба рӯи об гузошт. Баъди муддате духтари фиръавн ба лаби дарё рафт ва сабадеро дид, ки рӯи об шино мекард. Ӯ сабадро гирифта дар он Мусои навзодро дид. Духтари фиръавн бо нияти ғамхорӣ ба кӯдак аз пайи кофтукови доя шуд ва фармуд, ки ӯро ба дарбор биёранд.

Мусо ба воя расид ва дар ин муддат тамоми донишҳои Мисрро аз худ кард ва бо ақли расои худ аз дигарон фарқ мекард. Ӯ дар дарбори фиръавн зиндагӣ мекард, аммо медонист, ки мисрӣ нест. Боре ҳангоми сайру гашт ӯ мисриеро дид, ки ғуломи исроилиро мезад. Мусо ба хашм омад, зеро худи ӯ низ исроилӣ буд. "Ва ба ҳар тараф назар андохт ва чун дид, ки касе нест, он мисриро кушт". Фиръавн аз ин ҳодиса хабардор шуда, хост Мусоро кушад. Аммо Мусо роҳи биёбонро пеш гирифт ва дар он ҷо чил сол зиндагӣ намуд.

Боре, ҳангоми гӯсфандчаронӣ Мусо буттаеро дид, ки дар оташи ғайриоддӣ месӯхт. Оташ аланга мезад, аммо он хорбутта намесӯхт. Чун Мусо барои дидан ба он наздиктар омад, овозе

---

* Фиръавн - подшоҳи Миср

**Қатрон - моддаи равғанмонанди сиёҳ

ба гӯши ӯ расид:

"Мусо! Мусо!"

Мусо ҷавоб дод: "Лаббай".

Худо аз байни бутта ба ӯ мурочиат кард ва гуфт: "Ба ин ҷо наздик наой: кафшҳоятро аз пойҳоят бикаш, зеро маконе ки ту дар он истодаӣ, замини пок аст". Худованд ба Мусо гуфт, ки нолаҳои ғуломонро дар Миср шунид ва онҳоро раҳо кардан мехоҳад. Худо ба Мусо рӯй оварда гуфт: "Ман туро назди фиръавн мефиристам, то ки халқи Ман, фарзандони Исроилро аз Миср берун оварӣ".

Ва Мусо ба Худо гуфт: "Ман кистам, ки назди фиръавн равам ва халқи Исроилро аз Миср берун оварам?"

Худо ба ӯ ҷавоб дод: "Ман бо ту хоҳам буд".

Мусо ба Худо итоат кард ва ба фиръавн мурочиат кард, то ки ғуломонро озод кунад. Фиръавн Мусоро масхара кард ва гуфт, ки исроилиён дар Миср мемонанд.

Пас аз он Худо ба Миср ҷазо фиристод, зеро ки фиръавн якравӣ мекард ва аз Миср баромадани ғуломон, халқи Исроилро намемонд. Тамоми обҳои Миср ба хун табдил ёфтанд. Миллионҳо қурбоққаҳо, пашшаҳои хокӣ, магасҳо ва малаххо замини Мисрро пур карданд. Ҳайвонмурӣ сар шуд. Одамон аз пучаку яра азоб мекашиданд. Торикӣ замину замонро ба дами худ кашид ва жолаи ниҳоят калон мамлакатро хароб кард. Ҳамаи ин балоҳоро ба Миср Худо равон кард, чунки фиръавн ғуломони исроилиро нигоҳ медошт.

Мусо такроран назди фиръавн омада, ба ӯ гуфт, ки боз як ҷазои дигар бар сари мардуми ту меояд, барои он ки ту Худоро гӯш намекунӣ. Имшаб писари аввали ҳар як оила мемирад.

Мусо ба ғуломон гуфт, ки онҳо ба болодарӣ ва паҳлудариҳои хонаҳояшон хуни барра моланд. Танҳо дар ин маврид онҳо дар бехатарӣ хоҳанд буд. Худо ба хонаҳое ки ба паҳлудариҳояшон хун молидагӣ буд, зарба назад, вале дар тамоми дигар хонаҳое ки нишона вуҷуд надошт, писарони аввал мурданд. Худованд гуфта буд: "Ва хунро дида, аз пеши шумо мегузарам". Он шаб дар сарзамини Миср бисёр одамон мурданд. Аммо исроилиён, ки ба болодарӣ ва паҳлударихои хонаҳояшонро хун молида буданд, аз ғазаби Худо халосӣ

ёфтанд.

Шуморо ҳукми марг интизор аст. "Зеро ки сазои гуноҳ марг аст". Ҳамчун гуноҳкор шумо бояд бимиред ва оқибатро дур аз Худо гузаронед. Аммо Худо аз ҷазои Худ ба шумо роҳи наҷот пешбинӣ кардааст. Мисли он ғуломон, шумо бояд дилу ҳастии худро ба хун олуда кунед, то Худо гуфта тавонад: "Ва хунро дида, аз пеши шумо мегузарам".

Ин амалро чӣ гуна бояд анҷом дод ва барои он чӣ хел хун лозим аст? Омӯзиши худро давом диҳед ва шумо ба ин савол ҷавоб меёбед.



БОБИ ҲАФТУМ

# Ҳазрати Довуд

Ҳазрати Довуд мусиқанавози бузург буд ва эҷоди сурудро дӯст медошт. Ҳамчунин барбат[*] навохтан ва хондани сурудҳои худ ба ӯ маъқул буд. Баъзе аз сурудҳои эҷодкардаи ӯ ба мо аз ҳаёт ва таассуроти ӯ ҳикоят мекунанд.

Боре дар шаби равшан, вақте Довуд рамаи гӯсфандони падарашро мечаронд, осмони беканор бо ситораҳои дурахшони он диққати ӯро ҷалб карданд. Ӯ ба осмон ва милт-милти ситораҳо назар андохта, чунин суруд эҷод кард: "Худовандо, Худои мо! Чӣ қадар боҳашамат аст номи Ту дар тамоми замин! Шукӯҳи Ту бар осмонҳо паҳн гаштааст... Вақте ки ба осмони Ту, ки амали ангуштони Туст, менигарам ва ба моҳ ва ситорагоне ки Ту офаридӣ, – пас чист инсон, ки ӯро ёд кунӣ ва фарзанди одам, ки ӯро бозҷӯӣ намоӣ?"

Бузургӣ ва зебоии офаридаҳои Худо Довудро ба ҳайрат меовард. Ӯ наметавонист фаҳмад, ки чӣ гуна Офаридгори ин сайёраи бузургу он осмони беканор ба одамизод ин қадар эътибор медиҳад. Ба ҳама кори одамизод шавқ доштани Худо, ин Офаридгори моҳу ситорагон, Довудро ба ҳайрат оварда буд.

Боз Довуд дар бораи Чӯпони Бузурги худ навиштааст. Довуд мегуфт, ки Чӯпони Бузурги ӯ ба вай **зиндагии хушбахтона** ҳадя кардааст. "Худованд Чӯпони ман аст: ба ҳеҷ чиз мӯҳтоҷ нахоҳам шуд. Дар чарогоҳҳои сералаф маро мехобонад, сӯи обҳои ором маро мебарад, ҷонамро қувват мебахшад, ба хотири номи Худ маро ба роҳҳои адолат равона мекунад...".

---

[*] Барбат – асбоби мусиқии торнок

Дар ҳамон суруд Довуд дар бораи **марги нек** низ сухан меронад, "Дар водии сояи марг роҳ равам ҳам, аз бадӣ наметарсам, чунки Ту бо ман ҳастӣ; асо ва чӯбдасти Ту маро тасалло медиҳад".

Ӯ ин суруди худро бо умед ба **оқибати хушбахтона** хотима медиҳад. "Пас, некӯӣ ва меҳрубонӣ тамоми айёми умрам бо ман ҳамроҳӣ хоҳанд кард ва ман муддати дуру дароз дар хонаи Худованд сокин хоҳам буд".

Пеши назари Довуд манзараи дилрабое намоён мегашт. Вай ҳаёти бобаракатеро аз сар мегузаронд ва медонист, ки марги муборак насиби ӯ мешавад ва ҳаёти бобаракати пас аз маргро интизор буд. Оё пеши назари шумо ҳам чунин манзара намудор мешавад? Чунин манзара метавонад пеши чашмони шумо ҳам аён шавад, ба шарте ки шумо низ мисли Довуд ба Худованд рӯ оварда, аз Ӯ хоҳиш кунед, ки гуноҳҳоятонро бахшад. Ҳазрати Довуд ба Худо нидо карда мегуфт: "Маро аз гуноҳҳоям шустушӯ намо ва аз хатоҳоям пок кун".

Довуд дар таронаҳои худ оиди одаме ки гирифтори азобу дарди пеш аз марг аст, дар бораи оне ки бар ӯ механданд, бераҳмона азоб медиҳанд ва дашному ҳақорат мекунанд, бисёр гуфтааст. Ӯ чунин мегӯяд:

"Ҳар кӣ маро бинад, дашномам медиҳад".
"Ҳамаи устухонҳоям фурӯ рехтааст".
"Онҳое ки бесабаб ба ман нафрат доранд, аз мӯйҳои сарам зиёд шудаанд".
"Азобҳои марг маро фаро гирифтааст".
"Занҷирҳои дӯзах маро печонидаанд".
"Ба тангӣ ва ғаму ғусса дучор шудаам".
"Ҳамаи устухонҳоямро шумурда мешавад".
"Сару либоси маро дар миёни худ тақсим мекунанд ва бар пероҳани (курта) ман қуръа мепартоянд".
"Валекин ман кирм ҳастам ва на одамизод, нанги

мардумон ҳастам ва нафратзадаи қавм (халқ)".
"Зеро ки сагон маро иҳота карданд".
"Дастҳо ва пойҳоямро маҷрӯҳ карданд".
"Ман беҳол ва бемадор шудаам".
"Ва дар ташнагиам маро сирко нӯшониданд".

Бо ин гуфтаҳо Ҳазрати Довуд киро дар назар дошт? Ин ҳама гуфтор ба худи ӯ дахл надорад, чунки ин ҳодисаҳо бо ӯ руй надодаанд. Довуд ин суханҳоро дар бораи Касе мегӯяд, ки барои гуноҳҳои мо мемирад. Омӯзиши мавзӯъҳои ин китобро давом додан гиред ва шумо дар бораи Оне ки барои бахшида шудани гуноҳҳоятон ҷонашро фидо кард, бештар хоҳед фаҳмид.

БОБИ ҲАШТУМ

# Исои Масеҳ

Дар ҳафт боби аввал мо бо бисёр ҳақиқатҳои муҳим шиносоӣ пайдо кардем. Биёед аз нав ба онҳо рӯ меоварем ва ба таври мухтасар чанде аз онҳоро такрор мекунем.

*Боби якум* - **Ягона Худо**

Дар ин боб мо диққати шуморо ба он ҷалб намудем, ки Худои ҳақиқӣ ин замину осмонро офарид. Ҳамчунин мо чанде аз хислатҳои асосии Худовандро аз назар гузарондем. Худо бахшанда аст ва аз ин сабаб ба мо ҳамдардӣ мекунад.

*Боби дуюм* - **Одам ва Ҳавво**

Дар боби дуюм мо аз Одаму Ҳавво ҳикоят кардем ва дидем, ки онҳо аз хоҳишу талаби Худо саркашӣ намуда, гуноҳ карданд. Ҳамчунин мо дидем, ки барои пӯшонидани лучии онҳо Худо либос офарид. Барои ин ҳайвони бегуноҳе кушта шуда буд.

*Боби сеюм* - **Қобил ва Ҳобил**

Ин боб ба мо огоҳӣ медиҳад, ки мо бояд ба Худо қурбонии мувофиқро пеш оварем, то Ӯ моро қабул кунад. Ин қурбонӣ набояд мисли қурбонии Қобил бошад (амалҳои худи ӯ), зеро Худо онро қабул намекунад. Қурбонии мо бояд чун қурбонии Ҳобил (қурбонии хунӣ) бошад. "Бе рехтани хун бахшоиш нест".

*Боби чорум* - **Ҳазрати Нӯҳ**

Киштӣ барои Ҳазрати Нӯҳ паноҳгоҳ аз ҷазои Худо буд. Мо бояд аз ҷазои Худо барои гуноҳҳо паноҳгоҳ дошта бошем.

*Боби панҷум* - **Ҳазрати Иброҳим**

Аз ҳикоя дар бораи Иброҳим мо фаҳмидем, ки ҳангоми қурбонӣ гӯсфанд писари ӯро иваз кард. Барои мо ҳам ивазкунанда лозим аст.

*Боби шашум* - **Ҳазрати Мусо**

Аз ин боб мо донистем, ки халқи Исроил, ки дар Миср ғулом буд, аз ҷазои даҳшатноки марг барканор монд. Исроилиён ба болодарии хонаҳояшон хун молиданд. Барои наҷот аз ҷазои Худо мо ҳам бояд аз хун истифода барем.

*Боби ҳафтум* - **Ҳазрати Довуд**

Довуд дар бораи касе гуфта буд, ки барои гуноҳҳои ӯ азоб хоҳад кашид.

Агар мо хоҳем, ки Худо моро қабул кунад, бояд касеро ёбем, ки ҳамаи шартҳои зеринро иҷро карда метавонад.

Ин шахсият бояд мисли либоси Одаму Ҳавво, ки аз пӯсти ҳайвони қурбонӣ сохтанд, барои мо рӯпӯшӣ бараҳнагӣ бошад.

Ин шахсият бояд чун қурбоние бошад, ки Ҳобил ба Худо пеш овард.

Он бояд моро паноҳгоҳе бошад, чун киштие ки Нӯҳ ва оилаи ӯро дар паноҳаш гирифт.

Ин шахсият бояд монанди гӯсфанде бошад, ки ҳангоми қурбонӣ ҷои писари Иброҳимро гирифт.

Ин шахсият бояд бар мо хун молад, то ки мо чун ғуломони исроилии замони Ҳазрати Мусо аз марг наҷот ёбем.

Ин шахсият бояд ба ҳамаи пешгӯиҳои Довуд мувофиқат кунад, яъне чунон ки гуфта шудааст, ба дашному масхара гирифтораш кунанд, дасту пойҳояшро дар салиб мехкӯб кунанд.

Аммо кӣ метавонад ҷавобгӯи ҳамаи ин шартҳо бошад? Шумо ин гуна шахсиятро мешиносед? Танҳо як шахсияте ҳаст, ки ба ҳамаи ин талабот мувофиқат мекунад. Ин шахс Исои Масеҳ аст. Каси дигареро ёфтан наметавон, ки ба ин қолабҳо мувофиқат кунад. Худо мегӯяд: “Ва дар зери осмон ҳеҷ номи дигаре ба одамон дода нашудааст, то ки ба воситаи он наҷот ёбем”.

Кай Исои Масеҳ ҳамаи ин пешгӯиҳоро иҷро кард? Кай Ӯ рӯпӯши бараҳнагӣ ва ивазкунандаи мо буд? Кай Ӯ бар мо

хун молид? Вақти дар қайди ҳаёт будани Худ? Не. Ин ҳама на дар зиндагӣ, балки ҳангоми мурданаш воқеъ шуд. Вақте Ӯ ҷон дод, барои мо ҳам пӯшиданӣ ва ҳам қурбонӣ шуд. Вақте Ӯ мурд, барои мо киштӣ ва ивазкунанда шуд. Ӯ хуни Худро рехт, то ки он барои мо молидании хунӣ шавад. Танҳо ҳамон вақт, бо марги Худ, Исо он ҳама шартҳоеро, ки Одам, Ҳобил, Нӯҳ, Иброҳим, Мусо ва Довуд дар бораи онҳо хабар дода буданд, ба ҷо овард.

"Ончунон Масеҳ низ як бор Худро барои бардоштани гуноҳҳои бисёр касон қурбонӣ намуд". Хуни Исои Масеҳ, Писари Ӯ, аз ҳамаи гуноҳҳо пок мекунад.

Марги Исо на шикаст, балки ғалабаи пуршараф буд, зеро ба одамон сӯи Худо роҳ кушод. Бе марги Исои Масеҳ Худо шуморо қабул карда наметавонад. Худо талаб мекунад, ки шумо марги Исои Масеҳро қабул кунед, вагарна абадан нобуд мегардед.

Марги Исои Масеҳ маънои хотимаро надошт. Худо Ӯро дубора зинда кард. Ин ҳодиса аҷоибтарин ҳодиса дар таърих буд. Исои Масеҳ аз мурдагон зинда шуда, ба осмон рафт, то ҳамроҳи Худо бошад.

Акнун шумо бояд Исои Масеҳро чун Ивазкунандаи худ кабул кунед ва ба Худо мурочиат карда гӯед: "Худовандо, ман гунаҳкорам ва мехоҳам, ки Ту маро қабул кунӣ. Ман медонам, ки ягона роҳ сӯи Ту – ба Исои Масеҳ ҳамчун Ивазкунандаи худ бовар кардан аст. Ман медонам, ки Ӯ барои ман мурд ва бар ивази гуноҳҳоям қурбон шуд".

Агар шумо ин суханҳоро аз самими дил ба забон оред, Худо шуморо қабул мекунад. Ҳангоме ки шумо ин амалро ба ҷо оваред, дар дилатон ҳаваси зиндагии поку тоза пайдо мешавад. Дар ин ба шумо Худо мадад мерасонад. Ва агар шумо Исои Масеҳро қабул накунед, абадан нобуд мешавед.

Оё шумо мехоҳед дар ин хусус бисёртар донед? Пас, хонишу омӯзиши ин китобро давом диҳед!

БОБИ НӮҲУМ

# Гуноҳ

Гуноҳ бадтарин душмани шумост. Он кӯшиш мекунад, ки бо ҳар восита пеши роҳи шуморо сӯи Худо гирифта, ба ҳаёти ҷовидона дар осмонҳо монеъ шавад. Он шуморо ба марги ҷовидон равона мекунад. Ва агар гуноҳҳои шумо бахшида нашуда бошанд, шумо аз Худои Яккаву Ягона ва ҳақиқӣ абадан ҷудо мешавед. "Ғайр аз Худои Ягона кист, ки гуноҳҳоро бахшида тавонад?... Ба воситаи Исои Масеҳ ба шумо бахшоиши гуноҳҳо эълон мешавад".

## Гуноҳ чист?

Гуноҳ як хатои оддӣ ё одати бад нест. Гуноҳ ба талаботи комили Худо ҷавобгӯ набудан аст. Агар мо бо тамоми гуфтору кирдори худ ба ин талабот мувофиқат накунем, мо гунаҳкор ҳастем. Ва ҳамаи одамон дар ин айбдоранд. Худо мегӯяд: "Гуноҳ шикастани шариат аст". Ҳангоми вайрон кардани қонунҳои Худо мо гуноҳ мекунем. Ба муқобили Худо бархоста, мо боз гирифтори гуноҳ мешавем. Бо ҳар як сухан ё фикри нопок, бо ҳар амали ношоями худ мо назди Худо гуноҳ мекунем.

## Чӣ қадар одамон гуноҳ кардаанд?

Ҳазрати Довуд хитоб мекунад: "Инак, ман дар беадолатӣ офарида шудаам ва модарам дар гуноҳ ба ман ҳомила гардидааст". Ҳазрати Довуд низ гуноҳкор буд.

Худо чунин мегӯяд: "Ҳама гуноҳ кардаанд". Танҳо як Шахсияте вуҷуд дорад, ки бегуноҳ аст. Ин Шахс Исои Масеҳ мебошад. Дар бораи Ӯ чунин навишта шудааст: "Ӯ гуноҳе накардааст ва дар забонаш макре (ҳила) набуд". "Зеро Бегуноҳеро барои гуноҳҳои мо қурбон кард, то ба воситаи Ӯ дар назди Худо накӯкор шавем". "Ва шумо медонед, ки Ӯ барои бардоштани гуноҳи мо омад ва дар Ӯ гуноҳе нест". Ҳамаи одамон, ғайр аз Исои Масеҳ, гунаҳкоранд. Аз Одам то навзоди чандрӯза, ҳама зоти (насли) инсонӣ ба хати кашидаи Худо мувофиқат накарданд.

## Ҷазои гуноҳ чӣ гуна аст?

"Ҷазои гуноҳ марг аст". Он дам, ки Одам гуноҳ кард, аз Худо ҷудо шуда, рӯҳан мурд. Ҳамчунин ӯ тобеи марги ҷисмонӣ гардид. Ӯ ҳамон дам намурда бошад ҳам, боиси сарзанишу таъна гардида, дар охир ба марг дучор шуд. Нисбати мо ҳам ҳамин натиҷа амал мекунад. Чун гуноҳкор мо ҷазои сазовор мегирем. Ва ин ҷазо марг аст. Маъно ин аст, ки мо аз Худо дур гашта, барои гуноҳҳои худ дар оташи дӯзах месӯзем. Марг маънои тамоман нобуд кардани гуноҳкорро надорад, балки гуноҳкор барои гуноҳҳояш ҷовидона азоб мекашад.

Барои он ки ҷовидона гирифтори азоб набошем, бояд роҳи наҷотро ҷӯем.

## Чӣ тавр ман метавонам аз гуноҳҳои худ халос шавам?

Ба Исои Масеҳ чун ба Наҷоткор ва Худованд рӯ оварда, аз гуноҳҳоям озод шуда метавонам. Худованд Исои Масеҳ "гуноҳҳои моро дар бадани Худ ба салиб бардошт".

Биёед фикрҳои зеринро аз назар гузаронем:

1. Мо ҳама гуноҳкор ҳастем. "Дар рӯи замин касе нест, ки накӯкор бошад ва гуноҳ накарда бошад".

2. Худо пок аст ва тоқати дидани гуноҳро надорад. "Чашмони Ту он қадар пок аст, ки наметавонӣ бадкирдориро бубинӣ ва ба золимӣ назар андозӣ".

3. Агар гуноҳҳои мо бахшида нашаванд, мо абадан аз Худо дур мешавем: "Аз Ман дур шавед, эй бадкорон".

4. Исои Масеҳ барои бахшоиши гуноҳҳои мо ҷон фидо кард. "Масеҳ ... барои гуноҳкорон ҷон фидо кард".

5. Худо мегӯяд, ки агар мо Исои Масеҳро чун Наҷоткори худ қабул кунем, Ӯ гуноҳҳоямонро мебахшад. "Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари ягонаи Худро дод, то ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, талаф нашавад, балки ҳаёти

ҷовидонӣ ёбад".

Худо мегӯяд, ки барои ба Ӯ наздик шудан танҳо як роҳ ҳаст. Ва ин роҳ бовар ба Исои Масеҳ аст. Оё мехоҳед, ки гуноҳҳоятон бахшида шаванд? Аз Худо хоҳиш кунед, ки гуноҳҳоятонро бахшад ва ба Ӯ гӯед, ки ба Исои Масеҳ боварӣ доред. Ин амалро ҳоло иҷро кунед!



БОБИ ДАҲУМ

# Дуо ва корҳои нек

Дуо пурқувваттарин амалест, ки ба инсон маълум аст. Ба воситаи он мо бисёр мушкилиҳоро бартараф карда метавонем. Бо дуо мо сарҳадҳои кишвару қитъаҳоро, ки ҷисман гузаштан имкон надорад, гузашта метавонем. Аммо пеш аз он ки ба дуо сар кунем, бояд баъзе талаботро иҷро кунем.

**1. Дуо бояд ба Шахсияти мувофиқ равона карда шавад**

Худоҳое ки аз санг тарошида шудаанд, дуоро шунида наметавонанд ва худоҳое ки аз дарахт сохта шудаанд, ба он сарфаҳм намераванд. Ягона Худое ки дуои шуморо мешунавад ва ба он ҷавоб гуфта метавонад, Худои зинда ва ҳақиқӣ аст. Ин Ҳамон Худоест, ки Исои Масеҳро барои наҷоти одамон ба марг фиристод. Ва шумо бояд дуоҳои худро ба ҳамин Худо равона кунед.

**2. Дуо бояд аз таҳти дил ва самимӣ бошад**

Шумо дар дуои худ набояд аз Худо бойигарӣ талаб кунед. Чунин дуо ба хости Ӯ мувофиқ буда наметавонад. Худо чунин дуоҳоро мешунавад:

а. "Худоё, ба мани гуноҳкор раҳм кун".
б. "Худоё, ба ман мадад кун, то хости Туро нисбати ҳаёти худ фаҳмам".
в. Худоё, ёрӣ деҳ, то зиндагии покиза дошта бошам ва шоҳиди покии Ту барои дигарон гардам".

Худованд боз бисёр дигар дуоҳоро ба монанди ин мешунавад ва ба онҳо ҷавоб медиҳад. Ӯ мехоҳад, ки шумо бо тамоми мушкилоти худ ба Вай муроҷиат кунед. Худо мехоҳад, ки ба шумо роҳнамоӣ кунад ва ҳар қадами шуморо ба роҳи рост равона созад.

### 3. Дуо бояд ба хости Худо мувофиқат кунад

"Ва ҷуръате ки мо нисбат ба Ӯ дорем, дар он аст, ки агар мувофиқи хости Ӯ чизеро талаб кунем, Ӯ моро мешунавад". Худо дуои онҳоеро, ки ба Исои Масеҳ бовар кардаанд, мешунавад ва ба онҳо ҷавоб медиҳад. Шояд Ӯ ба дуои мо фавран ва мувофиқи хости мо ҷавоб надиҳад, вале Ӯ медонад, ки барои мо чӣ беҳтар аст ва ба дуои мо ба таври лозимӣ ҷавоб медиҳад.

### 4. Дуо бояд ба номи Исои Масеҳ гуфта шавад

Миёнарави ягона байни Худову одамизод Исои Масеҳ аст. Исо гуфтааст: "Ва ҳар чиро, ки ба номи Ман талаб кунед, меёбед".

Шумо ҷавоби дуоҳои худро дарёфтан мехоҳед? Талаботи ҳатмиро дар ёд доред! Шумо бояд ба Шахсияти мувофиқ, аз самими дил, мувофиқи хости Ӯ ва ба номи Исои Масеҳ дуо кунед.

## Корҳои нек

Амали нек дар зиндагии ҳар як инсон нақши муҳим мебозад. Қариб ҳар сокини заминӣ ягон амали нек кардааст. Яке ба беморон ёрӣ дода, ба гадоён хайр намудааст. Дигаре ба душманони худ некӣ кардааст. Ҳамаи инҳо корҳои неканд. Аммо ҳеҷ яке аз ин корҳо шуморо ба Худо наздик намекунад. Худо мегӯяд, ки ҳамаи накӯкории мо мисли "либоси чиркин" аст. Беҳтарин коре ки мо ба Худо пеш оварда метавонем, пеши назари Вай чун либоси бадбӯйи чиркин аст.

Шумо метавонед шабу рӯз дуо намоед ва кори нек кунед, аммо дар азоби дӯзах бимиред. Худо моро на барои кори неку дуоҳои мо, балки барои бовари мо ва танҳо барои бовар ба Исои Масеҳ қабул мекунад.

Бисёр муҳим аст, ки мо дар роҳи бовар ба Исои Масеҳ кори нек кунем. Агар аз Исои Масеҳ хоҳиши роҳнамоӣ дар зиндагӣ

дошта бошем, бояд ба хости Ӯ ва барои Ӯ зиндагӣ кунем.

"Ва на аз корҳо, то ки ҳеҷ кас фахр накунад". Мо бо корҳои нек бахшидашавӣ пайдо карда наметавонем. Агар мо онро бо корҳои некамон ба даст меовардем, ҳавобаланд шуда, боз гуноҳкор мешудем. Худо намехоҳад, ки мо ҳавобаланд бошем. Ӯ ҳоло ба ҳар одаме ки тайёр аст инро қабул кунад, ҳадя пешкаш мекунад. Ва ин бахшидашавӣ на бо дуову корҳои нек, балки бо бовар ба Исои Масеҳ ба даст меояд. "Зеро ки шумо бо файз ба воситаи имон наҷот ёфтаед ва ин на аз шумост, балки тӯҳфаи Худост".



БОБИ ЁЗДАҲУМ

# Ҳодисаҳои оянда

Қариб ҳар кас мехоҳад фаҳмад, ки дар оянда чӣ ба амал меояд. Бисёриҳо бо ҳар роҳу восита онро пешбинӣ карданӣ мешаванд, вале оянда ба таври пурра танҳо ба Худо маълум аст. Бо вуҷуди ин Ӯ барои мо низ пардаиояндаро андаке кушодааст.

## Омадани дубораи Исои Масеҳ

Худо як ҳодисаи бузургиояндаро пешгӯӣ кард, ки он бозгаштани Исои Масеҳ барои халқи худ мебошад. Он касоне ки ба Исои Масеҳ умед бастанд, дар абадият бо Ӯ хушҳол хоҳанд буд. Ва ҳамаи онҳое ки аз Ӯ рӯ гардонданд, то абад аз Ӯ дур хоҳанд шуд. Соати бозгашти Исои Масеҳ ба мо маълум нест. Ва агар Ӯ ҳоло ояд, бовар кардан ба Ӯ дер мешавад. Ба Ӯ бояд то ба замин дубора омаданаш бовар кунем. Ва чаро мо ҳозир аз пайи ин амал набошем?

## Тахти сафеди бузург

Дар оянда боз як ҳодисаи калон ба амал меояд, ки он ҷазо дар назди тахти сафеди бузург аст. Ва ҳамаи онҳое ки ба Исои Масеҳ чун ба Наҷоткори худ бовар накарданд, ба ин доварии бузург ҳозир мешаванд. Ин ҷо ба онҳо ҳукм бароварда мешавад, зеро Исои Масеҳро қабул кардан нахостанд, ё аз Ӯ рӯ гардонданд. Ва ҳамаи онҳое ки дар пеши тахти сафеди бузург доварӣ мешаванд, ба дӯзах партофта хоҳанд шуд. Оё шумо ҳам он ҷо буда метавонед? Бале, агар шумо Исои Масеҳро чун Наҷотдиҳандаи худ қабул накунед, гирифтори ин ҳукм мешавед.

## Дӯзах

Дӯзах манзили даҳшатнок аст. Чунон ки аз Тавроту Инҷил медонем, одамоне ки ба дӯзах меафтанд, азоби танҳоӣ мекашанд, дарду азоб ва ташнагӣ мебинанд. Дӯзах макони оташ ва торикист ва ҳар касе ки ба дӯзах меафтад,

роҳи халосӣ аз он надошта, то абад дар он мемонад. Аз он ҷои гурез нест. "Ва дуди азоби онҳо то абад баланд хоҳад шуд ва на рӯз ором хоҳанд гирифт, на шаб". "Тарсончакон, беимонон, нопокон, қотилон, зинокорон, ҷодугарон, бутпарастон ва ҳамаи дурӯғгӯёнро насибашон дар кӯлест, ки бо оташ ва сулфур месӯзад".

Чӣ тавр аз ин макони азоб, яъне дӯзах, наҷот ёфтан мумкин аст? Баъд аз марг шумо дигар имконияти ба Худованд Исои Масеҳ бовар карданро надоред. Ҳангоме шумо назди тахти сафед пеши ҳукми Худо ҳозир мешавед, дигар ҳеҷ чизро ислоҳ кардан намешавад, зеро аллакай дер шудааст. Вақти аз ҳама мувофиқ ҳамин рӯз, худи ҳозир аст. Худи ҳозир ба Исои Масеҳ бовар кунед ва шумо, бешубҳа, аз қисмати талхи худ дар дӯзах наҷот меёбед. "Ҳоло вақти мувофиқ аст: ҳоло рӯзи наҷот аст".

**Биҳишт**

Ҳамаи онҳое ки Исои Масеҳро ҳамчун Наҷоткори худ қабул карданд, оқибатро дар биҳишт мегузаронанд. Биҳишт манзили оромию осоиш, макони бахту саодат аст. Дар биҳишт мо аз ҳузури Худо ҳаловати комил мебарем. Биҳишт ҷое нест, ки танҳо хоҳишҳои ҷисмонӣ қонеъ мешаванд, балки манзилест, ки дар он тозагӣ ва покӣ мешавад.

Акнун шумо бояд интихоб кунед ва худи ҳозир аз пайи ин кор бошед. Шумо бояд биҳишт ё ки дӯзахро интихоб намоед. Ба шумо рӯзу соати маргатон маълум нест. Ва агар шумо баъди чанд дақиқа бимиред, дар куҷо буданатон мумкин аст? Дар биҳишт ё дӯзах? Ҳама чиз ба он вобаста аст, ки оё шумо барои бахшидашавии гуноҳҳои худ ба Худо рӯ овардед ё не?

Ба сӯи дӯзах қадам нагузоред! Аз пайи таъмини роҳ сӯи биҳишт бошед! Ҳаёти худро ба Худованд Исои Масеҳ бубахшед!

## БОБИ ДУВОЗДАҲУМ

# Роҳ яктост

Худо **яккаву ягона** аст ва роҳи сӯи биҳишт **яктост.** Ин чӣ гуна роҳ аст ва чӣ тавр онро пайдо метавон кард?

Бо дуо? – Не!
Бо накӯкорӣ? – Не!
Бо садақа? – Не!
Бо ғайрату кӯшишҳои худ? – Боз ҳам не!

Пас, чӣ гуна аст роҳ сӯи биҳишт ва чӣ тавр онро ёфтан мумкин аст?

Худованд Исои Масеҳ чунин мегӯяд: "Ман роҳ ҳастам". Магар Исои Масеҳ роҳи ягона аст? Бале. Ягона роҳ сӯи биҳишт Ӯ аст. Ҳеҷ яке аз роҳбарони одамӣ ба мо роҳро сӯи биҳишт нишон надод. Танҳо Исои Масеҳ роҳи ягонаро ба сӯи биҳишт ба мо нишон дод. Ӯ роҳ аст. Агар мо аз пайи Исои Масеҳ наравем, мо ба биҳишти Худо намерасем.

Шумо рӯ ба рӯи интихоб қарор доред. Шумо метавонед роҳи ҳаёти ҷовидонӣ ва осмониро ихтиёр кунед ё бо роҳе равед, ки ба дӯзаху марги абадӣ мебарад.

Худо мехоҳад, ки шумо роҳи ҳаёти ҷовидонро интихоб кунед. Шайтон бошад бо роҳи марг ба дӯзахи абадӣ рафтани шуморо хоҳон аст. Шумо дар роҳи интихоб озодед ва метавонед худ муайян намоед, ки оқибати худро дар куҷо мегузаронед. Ва шумо бояд ҳозир аз пайи интихоби роҳ бошед. Агар шумо ба Исои Масеҳ бовар накарда бошед, дар роҳи дӯзах истодаед. Ва агар шумо худи ҳамин рӯз ба Исои Масеҳ бовар накунед, роҳи марговари худро ба дӯзах давом медиҳед. Шояд фардо барои интихоб дер шавад. Шояд шумо аз дунё чашм пӯшед. "Ҳоло вақти мувофиқ аст: ҳоло рӯзи наҷот аст".

Худованд Исои Масеҳ барои гуноҳҳоятон ба ҷои шумо дар салиб ҷон дод. Ӯ ба ҷои шумо ҷазо кашид. "Ӯ барои гуноҳҳои мо маҷрӯҳ карда шуда, барои ҷиноятҳои мо азоб дидааст... ва ба воситаи ҷароҳатҳои Ӯ мо шифо ёфтаем. Ҳамаи мо мисли гӯсфандон гумроҳ будем, ҳар яке ба роҳи

худ мерафтем: ва Худо гуноҳҳои ҳамаи моро ба гардани Ӯ монд".

Шумо бояд ба Оне ки бароятон ҷон дод, бовар кунед ва ба Худо рӯ оварда гӯед: "Ман гуноҳкорам ва сазои ман азоби ҷовидон аст. Аммо ман бовар дорам, ки Исои Масеҳ барои гуноҳҳои ман ҷон фидо кард ва ҳоло ман Ӯро чун Наҷоткори худ қабул мекунам. Ва акнун ман кӯшиш менамоям, то барои Ӯ зиндагӣ кунам".

Худо яккаву ягона – роҳ яктост! Бале, Худои ҳақиқӣ яктост. Дигар ҳамаи худоҳо дурӯғинанд. Ва роҳи ҳақиқӣ яктост. Дигар ҳамаи роҳҳо дурӯғинанд.

Худро бо боварӣ ба Исои Масеҳ супоред ва шумо ба роҳи ҳақиқӣ мебароед, роҳи биҳишти Худоро меёбед. Исо чунин гуфтааст: "Ҳар кӣ назди Ман ояд, ӯро пеш нахоҳам кард".

